## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод карда шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Рисолаи диссертатсионии Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат иҷро гардида, яке аз мавзуҳои фаъоли иқтисодӣ буда, натиҷаи чандинсолаи фаъолияти илмии диссертант мебошад ва тадқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Диссертатсияи мазкур бо дар назардошти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст. Зимнан, марҳалаи кунунии рушд, тақозо менамояд, ки ба масъалаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ диқати ҳамаҷониба дода шуда, дар як сатҳи бисёр хуб ба роҳ монда шавад. Бозори меҳнат, ки танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои нисбатан навро касб карда истодаанд. Раванди ҷаҳонишавӣ дар иқтисодиёти муосир баъзе хусусиятҳои хоси худро дар марҳилаи кунунӣ дорад. Аз ин рӯ, дар ибтидои таҳқиқ муҳақиқ ба раванди ҷаҳонишавӣ дар самти иқтисод назари худро пешниҳод намудааст, ки ин раванд таъсиси бозори меҳнат ва танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро пуратар намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ қарор дорад, пеш аз ҳама талоши худро ҷиҳати гузаштан ба рушди устувори иқтисодӣ, масъалаҳои танзими муносибатҳои меҳнатӣ, мувозинати манфиатҳои кормандон ва корфармоён, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат равона намуда истодааст. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам дар бозори меҳнати ватанӣ як қтор мушкилот дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ, паст будани сатҳи музди меҳнат ва нокифоя будани ҳифзи иҷтимоӣ вуҷуд доранд, ки татбиқи ислоҳоти ҷиддиро талаб менамояд.

Вобаста ба ин муҳаққиқ кушиш намудааст, ки рисолаи илмии худро, дар асоси такмилсозии механизмҳои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, дар ин васила бо далелҳо фарогири масъалаҳои марбутаи назариявию амалӣ ва ҳамзамон таҳлилии самтҳои воқеии иқтисодиёти имрӯзаи кишвар вобаста ба танзими хусусиятҳои иҷтимоиву меҳнатиро муайян намояд. Моҳияти аслии мавзуи таҳқиқшавандаи мазкур маҳз дар асоси равияҳои илмии назариявӣ, амалӣ ва таҷрибаи сатҳи ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавии самту соҳаҳои мухталифи иқтисод мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, такмилу ҷараёнҳои амалкунандаи сохтори нави муносибатҳои бисёрҷамбаи иҷтимоӣ - меҳнатӣ ва тартиби ба низом овардани ин мусибатҳоро аз тарафи давлат дар шароити муносибатҳои муосири бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум менамояд.

Зарифзода Моҳира Зариф соли 2005 ба факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шудааст. Бо сабабҳои оилавӣ донишгоҳи мазкурро соли 2017 аз рӯйи ихтисоси танзими давлатии иқтисоди миллӣ хатм намуд.

Фаъолияти меҳнатии Зарифзода Моҳира Зариф баъд аз хатми Донишгоҳ оғоз гардида, аз соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва бехатарии иқтисодии факултети иқтисод ва идораи ДМТ ба кор шурӯъ намудааст. Номбурда, инчунин солҳои 2018-2023 дар вазифаи коргузори

садорати факултети муштараки ДМТ бо МТОК-и Ҷумҳурии Белорус, аз моҳи марти соли 2023 то марти соли 2024 ба ҳайси мутахассиси Бахши кор бо духтарону занон ва аз моҳи марти 2024 то инҷониб ҳамчун сармутахассиси раёсати таълими ДМТ фаъолият намуда истодааст.

Рисолаи илмии муаллиф аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт бо фарогирии 285 номгӯй таркиб ёфта, 181 саҳифа матни асосӣ, 9 ҷадвал, 3 расм, 5 диаграммаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум, «Асосҳои назариявӣ ва методологии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ», бозори меҳнат ва хусусиятҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, назарияҳои илмию методологии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, банизомоварии раванди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ вобаста ба инноватсияи илмӣ ва иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар боби дуюм, «Ҳолати кунунӣ ва рушди муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳлил ва баҳодиҳии динамикаи рушди муҳити иҷтимоӣ барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таҳқиқи омилҳои таъсиргузори муҳити корӣ ба ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ гузаронида шуда, таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва мутобиқсозии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

Дар боби сеюм, «Дурнамои танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар бозори меҳнат ва нақши он дар рушди иқтисодиёти миллӣ», роҳҳои мукаммалсозии тарҳу моделҳои муосири танзими давлатии доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар шароити бозори меҳнат, ташаккули

сохтори ҳифзи иҷтимоӣ тавассути механизми шарикии иҷтимоӣ ва баҳодиҳии ҳамаҷонибаи натиҷаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва самтҳои такмили банизомоварии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои овардаи муаллифи диссертатсия ба таври мантиқӣ аз таҳлилҳо ва натиҷаҳои илмии кори пешниҳодшуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст дар асоси омӯзиши қонунгузории амалкунанда, таҷрибаи байналмилалӣ ва вазъи воқеии бозори меҳнат андешаҳои асосноки илмӣ баён намояд.

Хулосаҳои диссертатсия хусусияти ҳамаҷониба доранд ва масъалаи такмили сохтори танзими меҳнат барои рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, ки дорои аҳамияти махсус мебошад равшан нишон дода шудаанд. Муаллиф нуқтаҳои қавӣ ва заифи механизмҳои амалкунандаи танзими меҳнатро дақиқ нишон дода, самтҳои муҳимиислоҳотро муайян намудааст. Пешниҳодҳои муаллиф дорои арзиши амалӣ буда, ба талаботи ҷомеа ва бозори меҳнати имрӯза мутобиқанд.

Бо итминон метавон гуфт, ки кори таҳқиқонии муалиф аз рӯйи сохтор ботартиб буда, забони навишт равону илмӣ, таҳлилҳои амалигардида мантиқӣ ва хулосаҳо асосноканд. Инчунин, муаллиф малакаи хуби таҳқиқонии илмӣ нишон дода, тавонистааст масъалаи мавриди омӯзишро ҳамаҷониба инъикос намояд.

Хулоса, диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, бо дарназардошти сатҳи баланди таҳлил, асоснокии назариявӣ ва аҳамияти амалӣ, кори мазкур ҷиҳати сазовор гардонидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии
иқтисодии факултети иқтисод ва идораи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҷидзода Д.М.

«02» 10 соли 2025.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳ. Буни Ҳисорак, бинои 9.
Телефон: (+992) 987-17-06-55.
E-mail: ndavlatbaht@mail.ru

**Имзои Д.М. Маҷидзода-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

**Суроғаи:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.
Телефон: (+992) 221-77-11; 221-78-11.
Факс (+992-37) 221-48-84.
E-mail: info@tnu.tj; Сайт: tnu.tj

«03» 10 соли 2025.